# ТАҚРИЗИ

**мукаррризи расмӣ ба кори диссертатсионии Қуватова Рафоат Ашуровна дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат (дар мисоли Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст**

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Қуватова Рафоат Ашуровна дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат (дар мисоли Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе)” ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: аз он ҷумла, ба *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия , таҳсилот;), *банди 4* – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими кӯдак дар давраҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; фардикунонӣ ва тафриқаи таълим; намудҳо ва амсилаҳои таълим, доираи татбиқи онҳо; технологияҳои таълим; консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим, махсусиятҳои таълим дар зинаҳои гуногуни таҳсилот) мутобиқат дорад.

***Мубрам будани мавзуи диссертатсия.*** Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи Қуватова Рафоат яке аз мавзуъҳои ҳалталаби педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад. Зеро, тавре, ки муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ изҳор намудааст, муносибати ҷиддӣ ба соҳаи маориф ва дар сатҳи сиёсати давлатӣ ба миён гузоштану ҳалл кардани проблемаҳои ҷойдошта дар ин самт аҳамияти бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маърифативу фарҳангӣ дорад. Маориф дар фаҳмиши васеъ ва имрӯзӣ яке аз проблемаҳои ҳаётӣ ва глобалии асри XXI мебошад ва ҷомеаи муосирро водор месозад, ки ба он бо таваҷҷӯҳи хоса ва масъулияти баланд муносибат карда шавад. Чунки инкишофи ҷомеа, тараққиёти устувори

иқтисодӣ, таъмини амнияти милливу давлатӣ ва умуман ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, техника, технология ва илму фарҳанг пеш аз ҳама ба рушди босуботи маориф, ташкили раванди бонизом ва босифати таҳсилоти шаҳрвандони Тоҷикистон вобаста мебошад.

Рушду тараққиёти мамлакат бевосита ба саъю талоши насли созандаву эҷодкор алоқаманд аст. Бинобар ин, ба тарбияи хонандагони болаёқат, соҳибмаърифату донишманд ва содиқи миллату Ватани хеш таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад.

Аз муҳайё намудани заминаҳои ҳуқуқӣ сар карда, то маблағгузорӣ ва истифодаи воситаҳои самараноки баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, ҳифзи саломатии кӯдакону наврасон, шароити зист ва таълиму тарбияи хонандагони болаёқат таҳти назорату ғамхории доимии Президенти мамлакат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон қарор дорад.

Муаллифи рисола дуруст таъкид карддаст, ки ҳадафи муҳими низоми маориф тарбияи шахсияти фаъолу созанда ва бунёдкори ҷомеаи навини аз лиҳози техникиву технологӣ рушдёфта  ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад омода намудани хонандагон ҳамчун мутахассисони оянда, ки бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ бошанд яке аз масъалаҳои муҳимми соҳа маҳсуб меёбад. Дар ин самт ба дарёфт, таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ва рушд додани қобилиятҳо онҳо махсусан дар самти омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ таваҷҷуҳи аввалидараҷа дода мешавад.

Илова ба ин муаллиф тазаккур медиҳад, ки дар самти таълими фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ ба хонандагони болаёқат ҳалли масъалаҳои зерин муҳим ба ҳисоб меравад: фароҳам овардани шароити муносиби таълим, тарбия ва рушди наврасону ҷавонони болаёқат, таъминоти психологию педагогӣ ва иҷтимоию иқтисодии онҳо; интихоби кадрҳои омӯзгорӣ; таъминоти илмию методии кор бо хонандагони болаёқат.

Ҷамъи андешаҳои дар боло зикршуда аз он далолат мекунанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Куватова Рафоат Ашуровна мубрам ва саривақтӣ буда, дорои аҳамияти махсуси назариявию

амалӣ мебошад, он бо дарназардошти талаботи замони муосир ба таълиму тарбияи насли наврас ва дар заминаи таҳаввулоту ислоҳоти куллие, ки солҳои охир дар таҳсилоти Тоҷикистон, махсусан дар шароити гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим рӯи кор омадаанд, таҳия ва барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Бояд таъкид кард, ки дар воқеъ таҳқиқоти Қуватова Рафоат Ашуровна аз арзиши илмиву аҳамияти амиқи назариявию амалӣ бархурдор буда, дар он масъалаҳо муҳимми муайян кардани роҳу усулҳои самараноки омӯзиши фанҳои дақиқ аз рӯи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим барои хонандагони болаёқат дар шароити литсей ошкор ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Дар баробари ин, довталаб Қуватова Р.А. дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳимеро вобаста мавзӯи диссертасия ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо ба қадри имкон дастёб гаштааст. Аз он ҷумла:

- моҳияти мафҳумҳои «истеъдод» ва «қобилияти зеҳнӣ» ҳамчун сифатҳои низомтикии инкишофёбандаи шахсият ошкор кардааст;
- усулҳои таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат мукаммал намудааст;
- шароити педагогӣ барои такмили маҳорратҳои касбии омӯзгорони фанҳои дақиқ бо дарназардошти муносабати босалоҳият ба таълим муайян сохатааст;
- модели таълимӣ-методии омӯзиши фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат дар шароити литсей, ки ба стандарти давлатии таҳсилот мутобиқ бошад, таҳия намудааст.

Аз ин дидгоҳ, месазад, ки таҳқиқоти мавриди баррасиро ниҳоят мубрам, саривақтӣ ва дархури ниёзҳои таҳсилоти муосир арзёбӣ кунем.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:***

Қабл аз ҳама, месазад дурустӣ ва фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия будани вазифаҳо ва фарзияи илмии муаллифи диссертатсияро қайд намоем. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсияи Қуватова Рафоат Ашуровна, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузоштаашударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф:

- усулҳои ташхиси лаёқатмандии хонандагон дар раванди таълим муайян карда шудаанд;
- модели салоҳиятноки таълими фанҳои табиию риёзӣ барои хонандагони болаёқат дар литсей дар асоси равишҳои муосири таълим ва адабиёти илмию методӣ таҳия гардидаанд;
- иқтидори равиши салоҳиятнокӣ дар баланд бардоштани ҳавасмандии хонандагон ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ, инчунин дар рушди салоҳиятҳои маърифатӣ ва иртиботии онҳо то андозае муайян карда шудаанд;
- принсипҳои асосии таҳияи барномаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат аз фанҳои дақиқи барои дарсҳои асосӣ ва иловагӣ асоснок гардиданд;
- низоми самараноки баландабардории маҳорати касбии дохилимуассисавии омӯзгорони литсей коркард ва таҳия карда шуданд;
- имкониятҳои истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим зимни таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат илман асоснок шудаанд.

**Нуктаҳои илмии зерини аз ҷониби муаллифи таҳқиқот ба ҳимоя пешниҳодшуда** натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва муҳтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

- навсозии низоми таҳсилоти умумӣ зарурат пеш овардааст, ки қобилиятҳои зеҳнӣ ҳадафмандона ташаккул дода шуда, раванди рушди қобилиятҳои хонандагони болаёат бояд тавассути таҳкими омӯзиши фанҳои дақиқ дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва иловагӣ;.

- асос ёфтани раванди рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат аз фанҳои дақиқ ба принсипҳои иҷтимоӣ-психологӣ ва ташкилию педагогии муваффақият, муколама, навоварӣ, эҷоди муносибати омӯзгор ва хонанда, самти коммуникативӣ, рушди эҷодиёти кӯдакон асос;

- ташкил низоми самарабахши раванди таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат дар шароити литсей;

- асоснокии методикаи таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат дар шароити литсей бо мақсади оптимизатсияи раванди таълим аз лиҳози илмӣ-методӣ;

- таҳия ва коркарди низоми омӯзиши амиқи фанҳои дақиқи тавассути омодасозии хонандагони болаёқат ба олимпиадаву озмунҳои зеҳнӣ.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:***

Муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи методикаи таълим, педагогика ва психология, кори амалӣ анҷом ёфтаанд.

Яке аз самтҳои хуби таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки муаллифи рисола масъалаи муносибати босалоҳият ба таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқатро ҳам аз таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ ва ҳам аз дидгоҳи олимону пажӯҳишгарони варзидаи ватанӣ ҳаматарафа омӯхта, таҳлил ва коркард намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод карда, барои исботи

андешаҳои худ аз осори илмии олимони маъруфи муосири тоҷику хориҷи кишвар андешаву мулоҳизаҳои хеле зиёду арзишмандро овардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро боз ҳам возеҳтар собит месозанд.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, таҷрибаи шахсии худи муаллиф ҳамчун директори Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе, ҷаласаҳои кафедраҳои педагогика, психология ва методикаи таълими фанҳои дақиқи филиали мазкур ва дар иттиҳодияҳои методии омӯзгорони фанҳои дақиқ муҳокима ва мавриди омӯзиш қарор дода шуданд.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои он дар семинару конференсияҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишиву курсҳои сайёр, ки солҳои 2020-2023 дар филиали Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе, семинарҳои омӯзишӣ оид ба муносибати босалоҳият ба таълим барои муаллимони фанҳои дақиқ дар шаҳри Душанбе баргузор гардиданд, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:***

Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

- мафҳумҳои асосии таҳқиқотии “лаёқатмандӣ”, “Қобилият ва қобилиятҳои зеҳнӣ” инчунин “рушди лаёқатмандии хонандагон” ҳамчун тавсифи психологию педагогии шахсият ифода гардиданд;

- шароит ва имконияти педагогии рушди лаёқатмандии хонандагон дар шароити литсей зимни таълими фанҳои дақиқ муайян карда шуданд;

- усулҳои самаранок ва инноватсионии таълимӣ, ки дар таълими фанҳои дақиқ истифода мешаванд ошкор шуданд, ки барои ташаккул ва рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат мусоидат менамоянд;

- татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ аз ҷониби омӯзгорон аз лиҳози илмӣ ва назариявӣ асоснок карда шуд, ки малакаву маҳорати хонандагонро сайқал медиҳанд;

- таълими фанҳои дақиқ дар литсей дар дарсҳои асосӣ ва машғулияти иловагӣ тавассути модели ғанигардонӣ ва пурра намудани мазмуни таҳсилот таҳияву санҷида шуданд;

- низоми баландбардории маҳорати касбии омӯзгорон дар шароити дохилимуассисавӣ бо назардошти ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълимӣ коркард карда шуданд;

- муқаррарот ва хулосаҳои назариявӣ, ки дар рафти таҳқиқоти диссертатсия ба даст оварда шудаанд, барои такмили низоми таълими фанҳои дақиқ дар шароити литсей дар раванди таҳсилоти асосию миёна ва иловагӣ ва татбиқи минбаъдаи он замина метавонад фароҳам орад.

- натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла маводи психологию педагогӣ, ташхисӣ, технологӣ ва методие, ки барои таълими фанҳои дақиқ ва рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат заруранд, метавонанд аз ҷониби омӯзгорони гимназияю литсейҳо, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, ки бо онҳо кор мекунанд, истифода бурда шаванд;

- инчунин, маводи бадастомада ва хулосаҳои таҳқиқот ҳангоми маърӯзаҳо, курсҳои махсус, семинарҳо барои хонандагону омӯзгорони оянда ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон метавонад истифода шавад

***Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:***

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методии дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он дар минтақаҳои ҷумҳурӣ баргузоршуда ироа ва баррасӣ шуда, дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли 12 мақолаҳои илмӣ ва дастурҳои методӣ, аз он ҷумла 4 номгӯй дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ва дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:***

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқ талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқарраროти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ баровarда шудааст.

***Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:***

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия ба манфиат хоҳад анҷомид:

1. Муаллиф дар диссертатсия оид ба методҳои таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат қайд намудааст ва бештар ба масоили таълими фанни математика ва химия таваҷҷуҳ бештар зоҳир намудааст. Хуб мешуд усулҳои таълими дигар фанҳои дақиқ ба монандаи технологияи иттилоотӣ, фанҳои табиатшиносӣ ва билогияву физика низ баррасӣ мегардиданд.

2. Агар дар диссертатсия адабиёти илмӣ-методӣ ва пажуҳишу рисолаҳои илмии олимони тоҷик бештар инъикос меёфтанд, хуб мешуд.

3. Барои боз ҳам самаранок гардонидани кори таҳқиқотии анҷомдодашуда беҳтар мебуд, ки маълумоти дар шакли ҷадвал овардашуда ҳамзамон бо тартиб додани диаграммаҳо нишон дода мешуд. Он гоҳ натиҷаҳо боз ҳам мушаххастар мешуданд.

4. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертасияро коста намегардонанд.

## ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Диссертатсияи Қуватова Рафоат Ашуровна дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат (дар мисоли Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе)” кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Диссертатсияи Қуватова Рафоат Ашуровна дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат (дар мисоли Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе)”, ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи кафедраи
методикаи таълими математикаи
ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Нугмонов М.

Имзои Нугмонов Мансурро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С.Айнӣ — Мустафозода А.

**Маълумот барои тамос:** шаҳри Душанбе, 734003, хиёбони Рӯдакӣ 121; телефон:+992 (37) 224-13-83, E-mail: info@tgpu.tj, сомона: www.tgpu.tj